**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. - 30 саҳ.).**

Таҳқиқоти Негматов Баҳодур Сафарович ба яке аз масъалаҳои мубрам дар ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии ватанӣ бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати диссертатсияи мазкур маълум гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад.

Пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 дар ҳаёти сиёсиву ҳуқуқии кишварамон як қатор ислоҳотҳои азиме рӯи кор омаданд ва Тоҷикистон худро ҳамчун кишвари ҳуқуқбунёд эълон намуда, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуд. Табиист, ки ҳолати бавуҷудомада тақозо менамуд, ки мутобиқ ба арзишҳои умумибашарӣ ва бо дарназардошти меъёрҳои конститутсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ислоҳотҳои куллӣ роҳандозӣ карда шавад. Ҳолати мазкур бо он сабаб низ вобаста буд, ки бештари қонунҳо дар замони пеш аз соҳибистиқлолии давлатӣ дар пояи арзишҳои низоми сотсиалистӣ қабул гардида буданд, ки дар ин миён қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ низ истисно намебошад.

Дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ҷиҳати воқеан татбиқ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, афзалият ба ҳокимияти судӣ дода шудааст.

Бо мақсади рушду тақвият бахшидан ба ҳокимияти судӣ ва беҳтар намудани сифати кори ин ниҳоди давлатӣ маротибаи аввал Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.06.2007, таҳти №271 қабул карда шуд. Яке аз мақсадҳои роҳандозӣ намудани ислоҳоти мазкур ин қабул намудани Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар таҳрири нав буд ва дар натиҷа бо баинобатгирии таҷрибаи давлатҳои мутамаддин ва арзишҳои умумибашарӣ ниҳоят Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ қабул гардид ва аз 01-уми апрели соли 2010 мавриди амал қарор гирифт.

Кодекси мазкур як қатор падидаҳои наверо рӯи кор овард, ки онҳо дар баробари доштани ҷанбаҳои мусбӣ, аз бархе камбудиву норасоиҳо низ орӣ намебошад.

Диссертант дар пажуҳиши илмии худ ба яке аз падидаҳои нави қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ – падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мароқ зоҳир намуда, онро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст.

Муаллиф баён медорад, ки мақсад аз роҳандозии падидаи мазкур дар қонунгузории ҷории кишвар ин беҳ бахшидан ба самаранокии кори судяҳо ва кам намудани сарбории судяҳо ҷиҳати тақвиятбахши ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ва дар умум ба адолати судӣ равона карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки аввалин бор таҳлили маҷмӯии чунин падидаи мурофиаи ҷиноятӣ, ба монанди тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот муқаррароти назариявие асоснок карда шудаанд, ки моҳияти падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судиро мекушоянд.

Як қатор таклифу пешниҳодҳое, ки аз ҷониби рисоланавис пешакаш гардидаанд, метавонад барои рушди илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии ватанӣ аз аҳамият холӣ набошад:

Дар нуктаи аввали ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки таҳия ва қабули тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ чорабинии давлатӣ баҳри мувофиқ намудани қоидаҳои миллии мурофиаи ҷиноятӣ ба стандарти байналхалқӣ маҳсуб меёбад. Аз ҳама муҳим ин риоя намудани кафолатҳои ҳадди ақали муҳокимаи одилонаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, яъне таъмин намудани ҳуқуқи ҳар кас ба муҳокимаи судӣ бидуни таъхирандозии беасос, сарфаи хароҷотҳои моддиву маънавӣ ва соддагардонии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад. Зимни чунин муносибат муҳокимаи судӣ хусусияти соддагардонӣ пайдо мекунад.

Муаллиф тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро ҳамчун намуди пешбурди соддакардашудаи муҳокимаи судӣ ва тартиби махсуси баамалбарории адолати судӣ эътироф менамояд. Ба ақидаи диссертант, падидаи мазкур замоне амалӣ карда мешавад, ки судшаванда пурра ба гуноҳи худ иқрор гардидааст ва ин иқроргардӣ судро ба шубҳа намеорад. Инчунин, асосҳо ва шартҳои татбиқи падидаи мазкур баҳри такмили қонунгузоии мурофиавии ҷиноятии ватанӣ аз муҳтавои автореферати диссертатсия ба мушоҳида мерасанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр, метавон бо эътимоди комил иброз намуд, ки мавзуи рисола аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Негматов Баҳодур Сафарович оид ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоям. Аз ҷумла, муаллиф таносуби мафҳумҳои розӣ шудан бо айби эълоншуда ва иқрори гуноҳро таҳқиқ намуда “розигӣ” ва “иқрор” – ро ҳаммаъни ва баробармазмун эътироф менамояд (саҳ. 20 автореферат). Сабаби таҳқиқ намудани ду истилоҳи зикргардида дар падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ чӣ аҳамият дорад. Хуб мешуд, ки агар муҳақиқ андешаи худро роҷеъ ба масъалаи мазкур баён менамуд.

Эроди номбаргардида хусусияти ҷузъи дошта мазмуни автореферати диссертатсияро коста намегардонад.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар шароити муосири рушди давлатдорӣ муҳим ва зарурӣ арзёби гардида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он Негматов Баҳодур Сафарович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиноси аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда**

Судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Муродзода А.А.
номзади илми ҳуқуқ

имзои Муродзода А.А. - ро тасдиқ мекунам
Раиси суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Саидзода Г.И.
«08» 12 соли 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, кӯчаи Валаматзода 15,
Тел: +992 (37) 227-77-09.
E-mail: ardasher_muradov@mail.ru